**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-021**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 26.06.2025** **ш. Душанбе**

Суханронии Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**, суханронии муқарризони расмӣ – **Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич**, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, **Азизова Мастона Ҳамидовна**, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарризони ғайрирасмӣ докторони илмҳои филологӣ Раҳмон Наргис, Назарзода Сайфиддин, Муҳиддинова Таҳмина, Султон Ҳасан, Сулаймонов Саидраҳмон ва Баротзода Файзиддинро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 15 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мирзоёров Ф.Н.

26.06.2025.